Бахои пешрафт ва зиндагии шоистаи мардум!

ХАМРОЗИ ХАЛК

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

№ 45 (498),
02 декабри
соли 2022

Нашрияи Кумитаи иҷроияи
Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон
дар вилояти Хатлон

МАҶЛИСИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ МАРКАЗИИ ҲХДТ ДОИР ГАРДИД

30 ноябр дар шаҳри Душанбе Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар кори он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар маҷлис аъзои Раёсат ва Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Фраксияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, роҳбарони як қатор сохтору идораҳои дахлдор, кормандони масъули Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҳизб, роҳбарони кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, намояндагони васоити ахбори оммаи ҳизбӣ ва аъзои фаъоли ҲХДТ ширкат варзиданд.

Дар маҷлис ҷараёни иҷрои қарорҳои анҷуманҳои 13 ва 14-уми Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва вазифаҳои ташкилотҳои ҳизбӣ дар марҳалаи минбаъда мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҳайати аъзои Кумитаи Иҷроияи Марказӣ тағйирот ворид карда шуд.

Зимни суханронӣ Раиси муаззами ҳизб таъкид намуданд, ки имрӯзҳо мо дар шароити мураккаб қарор дорем. Бархӯрди манфиатҳои абарқудратҳо барои аз нав тақсим кардани ҷаҳон ва дастёбӣ ба захираҳои табиӣ, мусаллаҳшавии бошитоб, оғози марҳалаи нави «ҷанги сард», шиддат гирифтани муборизаҳои иттилоотӣ ва ҷиноятҳои киберӣ, инчунин, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои вобаста ба он,

(Идома дар саҳ. 2)

ҲХДТ – МАКТАБИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ - саҳ. 2

ҲОСИЛ ЗИЁДУ ХАРИДОР КАМ - саҳ. 5

ТАШАББУСҲОИ ҲИЗБӢ ДАР АМАЛ - саҳ. 6

БОЗОМӮЗИИ ҶАВОНОН ДАР МЕҲВАРИ ... - саҳ. 7

(Идома аз саҳ. 1)

паҳншавии бемории сироятӣ ва мушкилоти дигар зиндагии сокинони сайёраро ба давраи сангинтарин дар таърихи қариб садсолаи инсоният рӯ ба рӯ кардаанд.

Раиси муаззами ҳизб иброз дошта, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии сокинони Тоҷикистон нақши муассир дошта, дар ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва худшиносиву худогоҳии мардум нақши сазовор мегузорад. Вазифаҳои асосии ҳизби мо дар марҳалаи нави рушди ҷомеа ва давлат дар барномаҳои пешазинтихоботии он, қарорҳои анҷуманҳои сездаҳум ва чордаҳум, ки самтҳои муҳимтарини рушди мамлакатро то соли 2027 дар бар мегиранд, мушаххас гардидаанд.

Ба таъкиди Раиси ҳизб, рисолат ва мазмуну моҳияти барномаҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон рушди устувори Тоҷикистони соҳибистиқлол, ободу пешрафта ва аз лиҳози сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ босубот мебошад. Ишора шуд, ки кумитаҳои иҷроияи ҳизб якҷо бо сохторҳои ваколатдори соҳаҳои гуногун ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва зина ба зина беҳтар намудани шароити зиндагии аҳолӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиро дар маркази диққат қарор медиҳанд, дар таъсиси инфрасохтори иҷтимоӣ, беҳсозии вазъи муассисаҳои таълимӣ, беҳтар гардонидани шароити оилаҳои серфарзанд, ҷудо намудани кумакҳои иловагӣ ба ятимону маъюбон ва дигар гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа мусоидат менамоянд.

Аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар таъкид гардид, ки бо мақсади боз ҳам густариш бахшидани корҳо аъзои Фраксияи ҳизбро дар Парлумони мамлакат зарур аст ҳамкориро бо кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо тақвият бахшида, тамоми донишу малака ва маҳорату таҷрибаи худро ба хотири амалӣ намудани барномаҳои ҳизб ва татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 равона намоянд.

Иттилоъ дода шуд, ки имрӯз шумораи ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ 6577 ва аъзои ҳизб 517 ҳазору 388 нафарро ташкил медиҳад.

Дар идомаи маҷлис аз ҷониби

Раиси муаззами ҳизб, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти сохторҳои ҳизбӣ барои давраи сипаришуда ва вазифаҳо барои соли оянда мушаххас гардиданд.

Ба кумитаҳои иҷроияи ҳизб дастур дода шуд, ки вобаста ба масъалаҳои дохилиҳизбӣ, махсусан, татбиқи низомномаҳо, талаботи оинномаву барномаҳо, қабули сифатноки аъзои ҳизб, деҳқонии сари вақт баргузор намудани маҷлисҳои кумитаҳои иҷроия ва ташкилотҳои ибтидоӣ, иштироки фаъолона дар маъракаҳои сиёсӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи ҳизбӣ ба тариқи озмун, риояи Одобномаи корманди ҳизб ва беҳбудбахшидани шароити корӣ чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамзамон, ҳамаи ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ дар маҳалҳо ва ташкилотҳои ибтидоӣ вазифадор гардиданд, ки корҳои таблиғотиву ташвиқотиро дар самти амалигардонии ҳадафҳои барномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон вусъат бахшида, мардуми кишварро барои истиқболи арзандаи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ сафарбар намоянд ва худашон дар ин самт ташаббускору фаъол бошанд.

Баъд аз суханронии Раиси муаззами ҳизб, Зунайда Раҷабова – Раиси Кумитаи иҷроияи ҳизб дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон; Мадина Раҷабова – омӯзгори Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Лахш; Саидбек Мирзомуддинов – роҳбари қабулгоҳи ҷамъиятии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия; Маҳмадисо Қурбонов – роҳбари хоҷагии деҳқонии «Имоми Аъзам»-и ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон ва Исроилхӯҷа Самандаров – директори генералии Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Фаровон-1»-и шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд дар музокира баромад намуданд.

Аз рӯйи ин масъала қарори маҷлис қабул карда шуд.

Ҳамин тариқ, дигар масъалаҳои рӯзномаи маҷлис, аз ҷумла ворид намудани тағйирот ба ҳайати аъзои Кумитаи Иҷроияи Марказии ҳизб аз ҷониби аъзои КИМ ҲХДТ баррасӣ гардида, қарорҳои дахлдор қабул шуданд.

Дар идомаи маҷлис масъалаҳои кадрӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш Бахтиёр Ҳамдамов аз вазифаи сармуҳаррири нашрияи марказии ҲХДТ «Минбари халқ» озод шуда, Рауфзода Суҳроб Холмурод ба вазифаи сармуҳаррири рӯзнома интихоб гардид.

Дар ҷамъбасти кори Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки ҳар як узви ҳизб барои татбиқи вазифаҳои стратегии давлату Ҳукумат, такмил додани низоми қонунгузорӣ, таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ, вусъат додани ғояҳои созандаи ватандӯстона ва тақвият бахшидани худшиносӣ ва худогоҳӣ саҳми босазои худро мегузоранд ва ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки узви Ҳизби Халқии Демократӣ будан ҳам ифтихору шараф ва ҳам масъулияти бузург дар назди халқу Ватан ва сарнавишти ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёди Тоҷикистони соҳибистиқлоли мост.

www.president.tj

ҲХДТ – МАКТАБИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Дар ҷомеаи муосир дар шароити ташаккулёбии рукнҳои демократӣ – авлавияти озодӣ ва иштироки халқ дар муносибатҳои идоракунии давлатӣ рушди фаъолияти ниҳодҳои ҷамъиятии сиёсӣ, намояндагии ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус ҳизбҳои сиёсӣ ногузир мебошад.

Миралиён Қиёмиддин, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, доктори илмҳои сиёсӣ

Дар таърихи сиёсии ҷаҳон ин талабот дар таҷрибаи давлатҳо, албатта, яку якбора ҷорӣ нагардидааст, чунончӣ дар Тоҷикистон, ки давоми 70 сол мардум зери таъсир ва ҳукмфармоии ҳизби коммунистӣ, низоми авторитарӣ-яккаҳизбӣ ҳаёту фаъолият доштанд ва тамоми пешравиҳоро аз ҳокимияти давлатӣ-шӯравӣ вобаста медонистанд. Мувофиқан, дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ (1990-2000) озодии ҳаёту фаъолият, мустақилияти том, гуногунандешӣ, иштирок дар идоракунии давлат, дар ин зимн мавҷудияти якчанд ҳизбҳои сиёсӣ ва пайравӣ ба яке аз онҳоро (дилхоҳро) дарк карда наметавонистанд. Ҳатто, ба қабул гардидани қарорҳо оид ба пошхӯрии собиқ давлати шӯравӣ ва барҳам хӯрдани ҳизби бузурги коммунистӣ шоҳид гардида, ҳамоно эътимоди худро, ки албатта нодуруст ва саҳв буд, ба ин ниҳоди авторитарӣ идома дода, сохти тозабунёди демократӣ, озодихоҳиро инкор мекарданд.

Яъне, идеологияи собиқ ҳизби коммунистӣ дар умқи мафкураи мардум то ҳадде ҷой гирифта буд, ки аксарият роҳи саҳв ва ё хаторо дуруст шуморида, арзишҳои таъриҳию фарҳангии аҷдодӣ ва ҳастии худро қурбон ва инкор карда, тобеиятро эҳсос накарда, ба бозгашти ин низоми авторитарӣ умед доштанд. Ин ниҳод дар воқеъ, гарчанде нокомил ҳам буд, ҳамчун мактаби сиёсии коммунистӣ бо идеологияи сотсиализм «адолати иҷтимоӣ» дар ҷаҳон мақоми хоса пайдо карда буд.

Воқеан, аз таърихи начандон дури кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ – дар давраи ҳукмронии собиқ давлати шӯравӣ аҳолии қувваи меҳнатӣ бештар ба корҳои кишоварзию саноатӣ (пахтакорӣ, ғаллакорӣ, истеҳсоли энергетика ва ғ.) ҳамчун дастгоҳи истеҳсолотӣ истифода гардида, ҷомеа аз татбиқи арзишҳои олии инсонӣ, ба монанди такмили илму дониш, эҳё ва рушди фарҳанг, анъана ва дар умум камолоти шахсият фориғ монда буд. Яъне, «адолати иҷтимоӣ» ҳамчун идеология дар рӯи қоғаз боқӣ монда, аслан баръакси он – нобаробарии иҷтимоӣ амалӣ мегардид.

Дар ҳамин шароит, аз як тараф зарур буд, ки бар ивази «мактаби сиёсии коммунистӣ» мактаби сиёсии комил ташкил меёфт, аз тарафи дигар бояд шахсияте ин мактабро роҳбарӣ ва ё пешбарӣ мекард, ки дар байни мардум соҳиби нуфузу мақоми воло мебуд; илова бар ин, мактаби сиёсии демократӣ бояд ба низоми барҳамхӯрдаи коммунистӣ, бо ҳадафу вазифаҳои таъсиргузор ва созанда муқовимат карда метавонист.

Ҳамин тариқ, ин мактаби сиёсии демократӣ дар симои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зери роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 1992-1994 ташаккулёфта арзёбӣ мегардад. Асосҳои назриявӣ-идеологии (фаъолияти ояндаи) Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳанӯз моҳи ноябри солии 1992 дар доираи Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, онҳо соли 1994 (10 декабр) зимни расмиёти (бақайдгирии) давлатии ҲХДТ, дар ҳуҷҷати асосии (Оинномаи) он дарҷ карда мешаванд. Албатта, дар ин баробар якчанд ҳизбҳои сиёсӣ низ, ташкил меёбанд, ки ҳар кадом мактаби хоси сиёсии худро дошта, имрӯз ҳам, ба истиснои ҳизби мамнуи (террористии) наҳзат, фаъолият доранд, аммо мактаби сиёсии Пешвои миллат ба идеологияи маъруфи коммунистӣ муқовимат карда тавониста, дар қалби мардум ҳамчун ҳизби халқӣ ҷой гирифт.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз рӯзҳои аввали қадам ниҳодан ба арсаи сиёсат ба ташаккули рукнҳои назариявию амалии мактаби сиёсии худ бо рисолати адолатпарварию инсондӯстӣ, худогоҳию худшиносӣ, нексиришттию поктинатӣ, садоқатмандию ватандӯстӣ ва созандагию бунёдкорӣ пардохта буд.

Аз рӯзҳои аввали сарварӣ, дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ноябри соли 1992) Пешвои миллат ҳамчун Раиси Шӯрои Олӣ иброз намуда буданд, ки «…мақсаду мароми мо бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад».

Чи тавре маълум аст, худи мафҳуми «демократия» ба принсипи идоракунии давлат аз ҷониби халқ асос меёбад. Зимнан, идоракунии давлат аз ҷониби халқ ба воситаи институти намояндагӣ ба роҳ монда мешавад. Яъне, бо ифодаи содда, гурӯҳи одамон аз байни худ якеро интихоб намуда, барои намояндагӣ, муаррифию пуштибонӣ ва пешбарии ҳадафҳо дар институти ҳокимияти давлатӣ сафарбар менамоянд.

Маҳз дар ҳамин ҷо, интихоби намоянда, дар сохти демократии ҷомеа нақши ҳизбҳои сиёсӣ зарур мегардад.Ҷомеаи демократӣ сохти идоракуние мебошад, ки дар он асоси пешрафти сиёсии давлатро гуногунандешӣ ва ё бисёрҳизбӣ ташкил медиҳад. Яъне, яке аз институтҳои фаъоли ҷомеаи ҳизби сиёсӣ аст, ки манфиатҳо ва ҳадафу идеяҳои сиёсии аъзои худро (мардумро) ташаккул дода, бо роҳи иштирок дар идоракунии ҳокимияти сиёсӣ татбиқ менамояд.

Бо ифодаи дигар, таҳкурсии сиёсии ҷомеаи демократиро ҳизбҳои сиёсӣ ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, ин ниҳод хеле фаъол буда, дар аксар кишварҳои ҷаҳон самти сиёсии ҳукуматҳоро муайян менамояд.

Ҳамин тариқ, яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ дар самти демократикунонии муносибатҳо ва татбиқи бомароми ғояҳои сиёсӣ – 10 декабри соли 1994 таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Зарурати таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба се ҷанбаҳои зерин асос меёбад:

Якум, дар шароити ҷомеаи демократӣ, ки гуногунандешии сиёсӣ ва идоракунии ҳокимият тавассути ниҳодҳои сиёсӣ тақозо мегардад, зарур буд, ки бар ивази низоми барҳамхӯрдаи шӯравӣ ҳизбе таъсис дода мешуд, то ин ки аз як тараф ҷойи холишударо пур мекард ва аз тарафи дигар барои рақобати комили сиёсӣ шароит фароҳам меовард.

Дуюм, ниҳоде лозим буд, ки бар асоси ниёзи мардум бояд амал менамуд, бар таҳдидҳои берунӣ, аз ҷумла ғояҳои сохта ва бофтаю дини мубини Исломро олуда намуда истодагарӣ намуда, оташи барафрӯхтаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро хомӯш менамуд.

Сеюм, ниҳоде бояд ташкил меёфт, ки ба талаботи институти демократия ва меъёрҳои байналмилалии идоракунии ҳокимияти сиёсӣ мутобиқат менамуд.

Дар навбати худ, ҳизбҳои сиёсӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ ва ё ба даст овардани идоракунии ҳокимияти давлатӣ фишангҳои гуногунро истифода менамоянд.

Боиси изтироб он аст, ки даҳсолаҳои охир дар ин муносибат фишангҳои нокомил ва ё ғайриқонунӣ, он низ экстремистӣ бештар истифода шуда истодаанд. Яъне, агар даврaҳои аввали ташаккулёбӣ ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун институти фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ барои ба даст овардани боварии халқ ва намояндагии онҳо дар ҳокимияти давлатӣ дар доираи талаботи қонунгузорӣ амал мекарданд, пас имрӯзҳо, мутаассифона, ин тартиби амал тағйир ёфта, василаҳои нокомил, бо роҳи таҳдиду зӯрӣ ва дурӯғбофиву роҳгумсозӣ ба даст овардани ҳокимият рӯи кор омадааст.

Аз ин рӯ, ҳар гоҳе ки дар ҷомеа маъракаҳои интихоботӣ пеш меоянд, дар баробари берун омадани ҳаракатҳои идеологии комил, ҳаракатҳои идеологии нокомил ё инки экстремистӣ низ берун меоянд.

Маҳз ҳамин ҳолат, яъне муқовимат бо ҳаракатҳои идеологии нокомил моро водор месозад, ки василаҳои тарғиботии худро пурқувват сохта, тадбирҳои саривақтӣ амалӣ намоем.

Дар воқеъ нақш ва хизмати Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон на танҳо дар ташаккулдиҳии давлати муосири тоҷикон, балки дар бартарафсозии ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва ба даст овардани ризоияти миллӣ хеле созгор аст. Дар ин ҷо зери мактаби сиёсии Пешвои миллат, ки таваҷҷуҳи ҷаҳониёнро ҷалб намудааст, - мактаби сулҳоварӣ низ, аҳамияти хосса дорад. Яъне, зимни

(Идома дар саҳ. 4)

(Идома аз саҳ. 3)

омӯзиши таҷрибаи сулҳоварии Тоҷикистон хонанда, хоҳ нохоҳ ба фишангҳои сиёсӣ пешорӯ мегардад, ки онҳо аз барномаҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бармеоянд.

Ҳамин тариқ, мактаби сиёсии Пешвои миллат – Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон чаҳорчӯбаи сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар бо фарогирии ҳудудан ҳамаи самтҳои ҳаёти ҷомеа арзёбӣ мегардад. Ин рисолат дар ду маврид, давра ба давра ба воситаи барномарезии вазифаҳои алоқаманд амалӣ карда мешавад.

Якум, тариқи таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зимни иштирок дар интихоботҳои парламентӣ. Принсипи амалии ин механизм ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, бо тартиби таҳлилу омӯзиши мушкилоти рӯзмарраи мардум, муайян намудани роҳу усулҳои дастрас ва имконпазири ҳалли мушкилот ва ҷамъоварии он дар шакли барномаи даврӣ татбиқ карда мешуд. Илова бар ин, муҳтавои барномаи таҳияшуда ба воситаи сохторҳои ҳизбӣ ва номзадони ҳизб ба мансаби вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ зимни мулоқоту вохӯриҳои пешазинтихоботӣ ба интихобкунандагон расонида шуда, мавриди зарурат такмил дода мешуд. Ҳамчунин, барномаҳои пешазинтихоботии номзадон мансаби вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ба барномаи ҳизб асос меёфт. Маҳз ҳамин механизм барои дар амал татбиқгардии ҳадафҳои барномаи ҳизб шароитҳои зарурӣ фароҳам меовард.

Дуюм, тариқи таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зимни интихоботи даврӣ. Барномаи номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкили гурӯҳҳои олимону муҳаққиқон ва баррасии мушкилоти воқеии мардум таҳия ва дар давраи муайян татбиқ мегардад. Маҳз барномаи пешазинтихоботии номзади ҳизб асоси фаъолияти дохилию хориҷии мақомоти ҳокимияти давлатиро ҳамчун ҳизби пешсаф ташкил медиҳад.

Татбиқи ҳадафҳои барномавӣ бошад, тариқи таҳия ва амалӣ намудани консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои гуногуни давлатӣ, ҳамзамон нақшаҳои соҳавӣ ба роҳ монда мешавад.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро имрӯз метавон ҳамчун ҳомии мактаби сиёсии Пешвои миллат ном бурда, ба рушди он, аз як тараф то ба сатҳи ҷамоатҳо, маҳаллаву деҳот ва ҳар як оила ва аз тарафи дигар дар сатҳи байналмилалӣ талош варзид.

Ба сифати иштирокчиён ва ё шунавандагони асосии мактаби сиёсии Пешвои миллат аъзои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро арзёбӣ кардан мумкин аст, ки шумори онҳо ба беш аз 500 ҳазор нафар расида, ботадриҷ афзоиш меёбад. Кормандони асосии ҲХДТ, аз ҷумла раёсати ташкилотҳои ибтидоӣ, ки мақомоти ибтидоӣ, маҳаллии иҷроияи фаъолият мебошанд, дар сатҳи кишвар 6600 адад буда, масъулияти амалӣ намудани корҳои ташкилиро ба душ доранд. Воситаҳои таъминоти иттилоотии ҷомеаро ҳафтаномаҳои ҳизбӣ, аз қабили Минбари халқ бо 100 ҳазор шумора, Ҳамрози халқ бо 20 ҳазор шумора, Мароми пойтахт бо 20 ҳазор шумора ва Сухани халқ бо 20 ҳазор шумора тақрибан медиҳанд, ки ҳар ҳафта ба хонанда бо ахбори муносиб ва муфид мерасанд. Ҳамзамон, дар сатҳи сохторҳои ҳизбӣ садҳо сомонаҳои интернетӣ ва ҳазорҳо саҳифаҳои иҷтимоӣ амал мекунанд, ки дар ростои фарогирии доираи васеи шаҳрвандон бо иттилооти комил саҳмгузор мебошанд.

Кадрҳои ин мактаби сиёсӣ бошад, дар муддати кӯтоҳ соҳиби малакаи хуби идоракунӣ, таҷрибаи фаъолияти идеологӣ ва сиёсӣ гардида, мунтазам ба зинаҳои гуногуни хизмати давлатӣ ва мансабҳои олии сиёсӣ роҳ меёбанд, ки ба ҳадаф мувофиқ аст.

Дар умум, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ташкилоти бутуни сиёсӣ бо сохтори идоракунии шакли амудӣ-амалӣ буда, дар ҳама минтақаҳо, оғоз карда аз сатҳи деҳот бо принсипи идоракунии ҳудудӣ ва ё ташкилоту муассисаҳои муайян бо принсипи идоракунии соҳавӣ то ба сатҳи шаҳру ноҳияҳо, вилоят ва ҷумҳурӣ фаъолият мекунад.

Хулоса мактаби сиёсии Пешвои миллат – Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун ҳизби пешсаф, пешоҳанги ҷомеа буда, дар роҳи бунёди давлати демократӣ ва таъмини зиндагии шоистаи мардум фаъолият дошта, баҳри рушди устувори Ватани азизамон – Тоҷикистон талош меварзад.

Барои мо - олимон ва муҳаққиқон ҳамчун иштирокчиёни ин мактаби сиёсӣ месазад, ки дар роҳи таҳкими рукнҳои илмӣ – таҳия ва барои ҷомеа, аз ҷумла ниҳодҳои амалӣ пешниҳод намудани асосҳои назариявию методии он, яъне ҳадафҳои барномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пайваста талош варзида, самаранокии устувор ва пойдории онро (мактабро) таъмин намоем.

РЕЙТИНГИ ҲИЗБӢ «ОБУНА - 2023»

Обуна ба «Минбари халқ» то 02 ноябр

Шаҳру ноҳияҳо	*Фоизи иҷроиш*	*Мақом*
Восеъ	100 %	1
Темурмалик	100 %	2
Шаҳритус	100 %	3
Балҷувон	100 %	4
А.Ҷомӣ	100 %	5
Дӯстӣ	100 %	6
Левакант	100 %	7
Панҷ	100 %	8
Фархор	100 %	9
Н. Хусрав	100 %	10
Ш. Шоҳин	100 %	11
Хуросон	100 %	12
Кӯшониён	100 %	13
Вахш	100 %	14
Ҷайҳун	100 %	15
Ховалинг	100 %	16
Бохтар	100 %	17
Кӯлоб	100 %	18
Муъминобод	100 %	19
Норак	100 %	20
Қубодиён	100 %	21
Ҳамадонӣ	100 %	22
Ёвон	100 %	23
Ҷ.Балхӣ	100 %	24
Данғара	100 %	25

Обуна ба «Ҳамрози халқ» то 02 ноябр

Шаҳру ноҳияҳо	*Фоизи иҷроиш*	*Мақом*
Темурмалик	100 %	1
Н. Хусрав	100 %	2
Шаҳритус	100 %	3
Левакант	100 %	4
Восеъ	100 %	5
Кӯшониён	100 %	6
А.Ҷомӣ	100 %	7
Балҷувон	100 %	8
Дӯстӣ	100 %	9
Бохтар	100 %	10
Ш. Шоҳин	100 %	11
Панҷ	100 %	12
Хуросон	100 %	13
Қубодиён	100 %	14
Вахш	100 %	15
Ҷайҳун	100 %	16
Ёвон	100 %	17
Кӯлоб	100 %	18
Данғара	100 %	19
Муъминобод	100 %	20
Ховалинг	100 %	21
Фархор	100 %	22
Ҷ. Балхӣ	98,5 %	23
Норак	95,7 %	24
Ҳамадонӣ	94,0 %	25

Эзоҳ: дар вилоят иҷроиши нақшаи обуна ба «Минбари халқ» ҷамъ 100 % (39000 нусха), ба «Ҳамрози халқ» 99,6% (21205 нусха)-ро ташкил медиҳад. Иҷрои нақша аз рӯи санаи иҷро ба ҳисоб гирифта шуда, зимнан Рейтинг муайян карда мешавад.

ҲОСИЛ ЗИЁДУ ХАРИДОР КАМ

Ҷамъоварии лимӯ дар Тоҷикистон аз моҳи ноябр оғоз гардида, то моҳи январ идома меёбад. Ба гуфтаи лимӯпарварон имсол ҳам гармхонаҳои лимӯпарварӣ ҳосили фаровон доранд, аммо набуди харидори ин меваи субтропикӣ лимӯпарварони нигарон кардааст. Бинобар ин қисми зиёди онҳо то кунун ҳосили дастранҷи хешро ҷамъоварӣ накардаанд.

МУНТАЗИРИ ХАРИДОР

Маҳмадтолиб Ҷобирови 44 сола аз зумраи деҳқононест, ки имсол гармхонаҳои лимӯпарвариаш ҳосили фаровон доранд, аммо имсол харидори худро пайдо накардааст. Ҳамин шабу рӯз мавсими ниҳоят мувофиқ барои ҷамъоварии ҳосили лимӯ аст, вале мисли солҳои пешин харидорон аз шаҳри Душанбе, Ҳисор ва дигар минтақаҳои кишвар наомада истодаанд.

«Мо лимӯи «Майер»,-ро парвариш мекунем, ки таъмаш бомазза ва сифаташ хуб аст. Нисбат ба солҳои пешин имсол ҳосили гармхонаҳои лимӯ ниҳоят фаровон аст, лекин ҳосили заҳмати мо харидор надорад. Ба ростӣ мунтазири харидорон буда, умедворем соҳибкорон омада, маҳсулоти моро барои содирот ба дигар кишварҳо харидорӣ мекунанд»,- мегӯяд М. Ҷобиров.

Аҳли хонаводаи Ҷобировҳо барои ташкили ҷойи кор ва таъмини шароити зиндагии худ соли 2012 Кооперативи тиҷоратии «Сомон»-ро дар зодгоҳашон ҷамоати деҳоти Заргари ноҳияи Кӯшониён таъсис доданд. Давоми 10 соли ахир ба таври шабонарӯзӣ заҳмат кашида, зиндагии худ ва чанд оилаи ниёзманди деҳаро низ беҳ сохтанд.

Кӯшониён аз лиҳози ҷуғрофӣ ва нуфузи аҳолиаш аз калонтарин ноҳияҳои вилояти Хатлон ба шумор меравад. Аксари сокинони ноҳия кишоварзиро манбаи асосии даромади оилаҳои худ медоданд. Масъулини Кооперативи тиҷоратии «Сомон» дар майдони 2 гектар замин 13 гармхонаи парвариши лимӯ бунёд намудаанд. Дарозии гармхонаҳои лимӯпарварӣ 100-180 меттро дар бар гирифта, дар ҳар гармхона аз 100 то 190 бех ниҳоли лимӯ шинонида шудааст.

Тибқи иттилоъ дар самти парвариши лимӯ ноҳияи Ҷайҳун дар миқёси ҷумҳурӣ маълуму машҳур аст. Ҳамасола аз ноҳияи мазкур садҳо тонна лимӯи хушсифат парвариш ва истеҳсол шуда, ба дигар минтақаҳои мамлакат ва ҳатто хориҷ аз кишвар содирот мешавад. Ниҳолҳои гармхонаҳои Кооперативи тиҷоратии «Сомон» низ аз ноҳияи Ҷайҳун оварда шудаанд, ки ҳамасола ҳосили хуб бабор меоранд.

Лимӯпарварони баъзе шаҳру ноҳияҳо, ки то ҳол маҳсулоташон харидор пайдо накардааст, ҳосилро ҷамъоварӣ намуда, захира карда истодаанд. «Аслан фурӯш ё ҷамъоварии лимӯ аз харидор вобастааст. Мо худамон дар бозорҳо намефурӯшем. Харидорон омада, худашон дар якҷоягӣ бо коргарони кироияи мо ҷамъоварӣ карда, барои фурӯш мебаранд. Агар ҳамаи маҳсулотро харидорӣ кунанд, ҳосил дар як моҳ тамом мешавад»,-ироа дошт Маҳмадтолиб Ҷобиров.

АЗ ТАВСИЯИ ЛИМӮПАРВАР

Ба гуфтаи М.Ҷобиров ташкили гармхона кори осон нест. Онҳо дар рӯзҳои аввали таъсиси корашон пули зиёд сарф кардаанд. Азбаски гармхонаҳояшон ниҳоят бузург ҳастанд, барои сохтани як адади он 150 ҳазор сомонӣ сарф шудааст. Барои сармо назадани дарахтон болои гармхонаҳоро бо плёнка маҳкам карда, дар муддати 3 сол як маротиба плёнкаҳои онҳоро иваз мекунанд.

«Лимӯпарварӣ ҳам мисли дигар кори деҳқонӣ нозукӣ ва мушкилиҳои худро дорад. Ҳар рӯз бояд аз ҳоли дарахтон ва ҳарорати дохили гармхонаҳо огаҳӣ дошта, корҳои агротехникӣ низ бояд саривақт анҷом дода шавад. Масалан, барои ҳосили хуб гирифтан мо дар як мавсим ду маротиба аз доруҳои азотӣ истифода мебарем. Тибқи меъёр сари ҳар дарахт ду килограммӣ дорӯ рост меояд. Инчунин, доруҳои барзидди ҳашароти зарарасонро низ истифода мекунем»,- мегӯяд ӯ.

Оилаи Ҷобировҳо ҳамасола маҳсулоташонро бо нархи аз 8 то 12 сомонӣ мефурӯхтанд. Ҳарчанд хушҳол ҳастанд, ки имсол ҳосили дарахтон нисбати соли гузашта фаровонтар аст, вале то ҳол харидор пайдо нашудааст. Ин дар ҳолест, ки ҳамасола то ин вақт қисми маҳсулоташонро мефурӯхтанд.

Маҳмадтолиб Ҷобиров мегӯяд, ки ҳамасола дар мавсими ҷамъоварии лимӯ то 40 нафар аз оилаҳои ниёзманд коргар мегиранд ва ҳаққи корашонро саривақт пардохт мекунанд. Лимӯпарварӣ ягона манбаи даромади ин хонавода буда, аҳли оила дар Кооперативи тиҷоратии хеш меҳнат карда, рӯзгорашонро таъмин мекунанд.

ҚИМАТИ ДОРУ БОИСИ БОЛОРАВИИ НАРХИ МАҲСУЛОТ

Имсол боло рафтани нархи нуриҳои минералӣ дар бозорҳо нигаронии деҳқононро бештар ва қимати маҳсулотро баланд бардошт. Мардум низ аз гаронии нарху наво зиёд интиқод карданд. Мусоҳиби мо мегӯяд, ки дар мавсими имсола як халта нурии минералиро бо нархи 600 сомонӣ харидорӣ карданд.

«Қимат шудани арзиши доруҳои азотӣ боиси боло рафтани нархи маҳсулот мегардад. Мо деҳқонон дар асоси сарфу харҷи кардаамон нархи маҳсулотро муайян мекунем. Дар баробари доруҳо қимати сӯзишворӣ низ боло рафт, зеро бештари ҳаҷми корҳои замин тариқи техника анҷом дода мешавад»,- мегӯяд лимӯпарвар Маҳмадтолиб Ҷобиров.

Ба гуфтаи деҳқонон иқлими вилояти Хатлон барои парвариши бештари маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла, меваи субтропикӣ мусоид мебошад. Ҳамасола, аз ин вилоят садҳо тонна лимӯи хушсифат истеҳсол шуда, ба бозорҳои дохилу хориҷ аз кишвар содирот мешавад.

Амонҷон МУҲИДДИНОВ,
«Ҳамрози халқ»

Вазъи ҳаво дар вилояти Хатлон барои ҳафт рӯз

Дурустии миёнаи пешгӯиҳои ҳаво 80-85% аст.

Сарчашма: www.gismeteo.ru

02 декабр	03 декабр	04 декабр	05 декабр	06 декабр	07 декабр	08 декабр
+4° +10°	+3° +6°	+3° +8°	+3° +5°	+3° +9°	+5° +11°	+6° +15°

Эзоҳ: Маълумот мутобиқ ба маркази вилояти Хатлон - шаҳри Бохтар манзур шудааст. Фарқият дар ҷанубу ғарби вилоят (водиҳои Айвоҷ) 7-12 ва дар ҷанубу шарқи он (водиҳои Муъминобод) 10-14 дараҷа нисбат ба иттилои мазкурро ташкил медиҳад.

ТАШАББУСҲОИ ҲИЗБӢ ДАР АМАЛ

«Соати сиёсӣ» аз ташаббусҳои ҷадиди Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Деморкатии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон мебошад, ки дар доираи амалиёти муштарак моҳе як маротиба дар муассисаҳои таълимии вилояти Хатлон, тариқи баргузории дарсҳои кушод ба роҳ монда мешавад. Дар доираи амалиёти мазкур сиёсатшиносону собиқадорони соҳаи хизмати давлатӣ давоми як соат бо наврасону ҷавонон оид ба мавзӯъҳои мубрами рӯз суҳбат хоҳанд намуд.

Тибқи нақша «Соати сиёсӣ» дар тамоми муассисаҳои таълимии ҳудуди вилояти Хатлон доир гардида, дар он сиёсатшиносон, олимону коршиносони масоили сиёсӣ, собиқадорон ва омӯзгорони соҳибтаҷриба оид ба мавзӯъҳои мубрами ҷомеа ва вазъи сиёсӣ дар ҷаҳон ва минтақа ибрози андеша хоҳанд намуд.

Санаи 26 –уми ноябри соли ҷорӣ Амалиёти муштараки «Соати сиёсӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои вилоят доир гардид, ки дар он маърӯзачиён оид ба мавзӯъҳои “Нақши Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии тоҷикистон дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи тоҷик”, “Иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсӣ – иқтисодии кишвар” ва “Тарбияи ҳарбӣ- ватандӯстии ҷавонон ва ҷалби онҳо ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон” баромад намуданд. Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки наврасону ҷавонон вобаста ба мавзӯъҳои зикргардида таваҷҷуҳи хоса дошта, иштирок дар “Соати сиёсӣ”-ро омили ташаккули афкор ва донишҳои сиёсии худ мешуморанд.

Биноан, метавон гуфт, ки дар доираи ташкилу баргузории “Дарси сиёсӣ” ҳадафҳои зерин амалӣ гардида истодаанд; Баланд бардоштани маърифати сиёсии наврасон ва ҷавонони 12-24 сола, тарбияи онҳо дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ, ҳувияти миллӣ ва эҳтиром гузоштан ба мактабу омӯзгор ва инчунин, ҳавасмандгардонии шахсони дорои имконияти хуби иқтисодӣ барои татбиқи амалии барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф, дастгирии техникию ташкилии мактаби (муассисаи таълимии) хатмкардаи худ ва мутобиқ гардонидани он ба талаботи стандартҳои муосири таҳсилот.

Тибқи мушоҳидаҳо ташаббусҳои ҳизбии «Соати сиёсӣ» ва «Мактаби ман» дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар сатҳи хуб баргузор гардида, хатмкардагони муассисаҳои таълимӣ моҳияти ташаббуси ҳизбиро хуб дарк мекунанд ва ба хотири ободу зебо гардонидани муассисаҳои таҳсилкардаи худ саҳми муассир гузошта истодаанд. «Соати сиёсӣ» ҷиҳати баланд бардоштани савияи донишҳои сиёсӣ ва сатҳи ҷаҳонбинии наврасону ҷавонон нақши муасир гузошта, ҷавонон бо василаи муколама бо шахсиятҳои маъруф роҳи худро дар зиндагӣ интихоб менамоянд. Ҳамчунин, фаъолони ҳизб дар доираи дарсҳои кушоди «Соати сиёсӣ» аз миёни ҷавонон намояндагони ояндаи ҳизбро интихоб менамоянд, ки ин ҳам яке аз ҳадафҳои роҳандозӣ гардидани «Соати сиёсӣ» дар муассисаҳои таълимӣ арзёбӣ мегардад.

Мавриди зикр аст, ки дар ин рӯз ҳамчунин амалиёти «Мактаби ман» низ баргузор гардид, ки дар он хатмкардагони муассисаҳои таълимӣ, бори дигар ба мактаби таҳсилкардаи худ ҳозир шуда, бо омӯзгорон суҳбату вохӯриҳои хотирмон доир намуданд. Зимни суҳбат масоили ҳалталаби муассисаҳои таълимӣ баррасӣ гардида, хатмкардаҳои мактабҳо ҷиҳати саҳмгузорӣ дар ободии мактаб ва рушди соҳаи маориф омодагии худро изҳор доштанд.

Тибқи иттилоъ, дар доираи амалиётҳои мазкур то имрӯз аз ҷониби хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят барои сохтмону азнавсозӣ ва лавозимоти дарсӣ дар ҳаҷми 13 миллион сомонӣ кумак расонида шудааст.

Амалиёти «Соати сиёсӣ» ва «Мактаби ман» ҳафтаи охири ҳар моҳ дар тамоми муассисаҳои ҳудуди вилояти Хатлон доир мегардад ва ин ташаббусҳои ҳизбӣ миёни сокинон ҳамовозии зиёд пайдо карда истодааст.

Шуъбаи иттилоот ва матбуоти КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон

“РӮЗИ ЁДОВАРӢ” ДАР ХАТЛОН

Дар ҳошияи дастуру супоришҳои Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулини Кумитаи иҷрои вилоятии ҳизб як қатор иқдомҳои ободониву созандагиро рӯи даст гирфтаанд. Амалиёти умумивилоятӣ оид ба тоза намудани дохил ва гирду атрофи қабристонҳо зери унвони «Рӯзи ёдоварӣ» аз зумраи ташаббусҳои наҷиби ҳизбиёни вилояти Хатлон мебошад.

Тибқи иттилоъ амалиёти мазкур аз оғози соли 2021 ин ҷониб дар тамоми шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон амалӣ шуда, ташаббускорон дар якҷоягӣ бо сокинон дохил ва гирду атрофи оромгоҳҳоро аз алафҳои худрӯй ва хасрӯбаҳо тоза менамоянд. Чорабинии оммавӣ “Рӯзи ёдоварӣ”дар асоси нақшаи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар ҳамкорӣ бо Шӯрои Ҳаракати Ҷамъиятии Ваҳдати Миллӣ ва Эҳёи Тоҷикистон дар вилояти Хатлон роҳандозӣ шуда, то имрӯз миёни ҷомеа ҳамовозии зиёд пайдо кардааст.

Дар доираи ин ташаббуси хайрхоҳонаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон сокинони вилояти Хатлон якшанбеи охири ҳар моҳ ба тоза кардани қабристонҳои маҳали худ машғул мешаванд.

Бинобар иттилоъ санаи 27 ноябри соли равон дар ҳошияи ҳамоиши “Рӯзи ёдоварӣ” ташаббускорон дар якҷоягӣ бо сокинон дар 94 оромгоҳҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят ҳашарҳои умумӣ гузаронидаанд, ки дар ин амалӣ хайр 15 ҳазору 341 нафар сокинон иштирок доштанд.



Гуфта мешавад, ки дар идомаи ҳамоиши мазкур ташаббускорон дар баробари тоза кардани қабристонҳо, роҳравҳоро ҳамвору сангфарш намуда, дар ҳудуди оромгоҳҳо 212 бех ниҳолҳои сояафкан шинонидаанд.

Шуъбаи иттилоот ва матбуоти КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон

БОЗОМӮЗИИ ҶАВОНОН ДАР МЕҲВАРИ ҲАДАФҲО

Дар Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки санаи 30-юми ноябри соли ҷорӣ баргузор гардид, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ёдоварӣ аз нақши Ҳизби пешбарандаи ҷомеа дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии ҷомеа, ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва худшиносиву худогоҳии мардум оид ба вазифаҳои асосии ҳизб дар марҳалаи нави рушди ҷомеа ва давлат ибрози андеша намуданд.

Бодарназардошти рисолат ва моҳияти татбиқи барномаҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки ба рушди устувор ва ободу пешрафти Тоҷикистон нигаронида шудааст, ҳар яки мо аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ-ро мебояд, ки дар амалисозии ҳадафҳои пешгирифта саҳми муносиб гузорем. Сарвари давлат иброз доштанд, ки бо мақсади густариш бахшидани корҳо аъзои Фраксияи ҳизбро дар Парлумони мамлакат зарур аст ҳамкориро бо кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо тақвият бахшида, донишу малака ва маҳорату таҷрибаи худро баҳри амалӣ намудани барномаҳои ҳизб ва татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 равона намоянд.

Мавриди зикр аст, ки дар раванди татбиқи Стратегияи мазкур, ки иҷрои се ҳадафи асосии эълонкардаамон ҳамчун вазифаҳои аввалиндараҷа арзёбӣ мегарданд, дар радифи самаранокии соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, тақвияти институсионалӣ, тараққиёти минтақаҳо, аз ҷумла, ба рушди нерӯи инсонӣ афзалияти бештар дода мешавад. Аз ин рӯ, вобаста ба эҳтиёҷоти соҳаҳои гуногуни мақомоти маҳаллӣ ва кумитаҳои иҷроияи шаҳру ноҳияҳои вилоят ба кадрҳои лаёқатманд Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилоят метавонад ташаббуси навбатиро дар самти бозомӯзиву такмили касбияти кадрҳои ҷавон роҳандозӣ намояд. Тавре огоҳӣ дорем баъди таъсиси Маркази тренингӣ ва ташкили семинару машғулиятҳои омӯзишӣ дар назди Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон даҳҳо нафар кормандони кумитаҳои иҷроияи шаҳру ноҳияҳо ба омӯзишҳои иловагӣ фаро гирифта шуданд. Дар идомаи ташаббуси мазкур метавон давра ба давра якчанд нафарӣ аз донишҷӯёни муассисаҳои касбиву олии шаҳри Бохтарро ба омӯзишҳои технологияи информатсионӣ ҷалб намуд, то баъди хатми ихтисос дар шаҳру ноҳияҳои зодгоҳи хеш фаъолият дошта бошанд.

Тибқи таҳлилҳо айни замон идораву сохторҳои мақомоти маҳаллӣ ва ҳатто кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба кадрҳои дорои донишу малакаи омода намудани гузоришу хабарҳои фаврӣ, вокунишгарон ва таҳлилгарони самтҳои таблиғу ташвиқи сиёсати давлатӣ ва ғояҳои пешбаранда сахт эҳтиёҷ доранд. Новобаста аз он ки дар баъзе бахшҳои самти маънавиёт ва дигар соҳаҳои зертобеи дастгоҳи идеологии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят ва кумитаҳои иҷроия кадрҳои корозмуда фаъолият доранд, аммо аз сабаби набудани мутахассисони корозмудаву таҳиягарони хабару матлабҳои таҳлилӣ ва вокунишҳои саривақтӣ ниҳоди мазкур дар сатҳи талаботи замон фаъолият накарда истодаанд.

Ин дар ҳолест, ки дар пешорӯи вазъияти мураккаби ҷомеаи ҷаҳонӣ, бархӯрди манфиатҳои абарқудратҳо дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, моро мебояд, ки дар пешорӯи хатарҳои нави ҷаҳонӣ, аз ҷумла, оғози марҳалаи нави «ҷанги сард» ва шиддат гирифтани муборизаҳои иттилоотӣ аз лиҳози такмили дастгоҳҳои идеологӣ ҷиҳати мубориза ва пешгирӣ аз фитнаангезиҳои душманон дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷиддан омода бошем. Дар ин росто, рушди нашрияҳои маҳаллӣ ва тақвият бахшидани интернетӣ ва саҳифаҳои идорӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар мадди аввал меистад ва ба хотири такмили маҳорати ҷавонон дар самти таҳияву интишори иттилоот ба мақсад мувофиқ аст, ки ин иқдомро мешавад дар назди Маркази тренингӣ амалӣ намуд.

Ҳамзамон, дар заминаи фаъолгардонии самти табъу нашр, интишори хабару рӯйдодҳои ҳизбӣ ва тақвият бахшидани фаъолияти вокунишгарон аз ноҳияҳои дурдаст дар баробари Кумитаҳои иҷроия, ҳамчунин, ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ, ки дар ҳудуди вилоят 3 ҳазору 576 ададро ташкил медиҳад, ба аъзои фаъол аз зумраи таҳиягарони хабару гузоришҳо ва вокунишгарон эҳтиёҷ дорад.

Аз ин рӯ, дар марҳилаи нави фаъолиятҳои ҳизбӣ аз нав ба роҳ мондани машғулиятҳои иловагӣ барои донишҷӯёни аз шаҳру ноҳияҳо ва инчунин, идома бахшидани семинарҳои омӯзишӣ дар Маркази тренингии назди Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилоят иқдоми муҳимест, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Раиси муаззами ҳизб ва дар амал татбиқ намудани муҳимтарин ҳадафҳое, ки дар Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст.

Ҷамолиддин УСМОНИЁН,
“Ҳамрози халқ”

Устод аз шогирдонаш пурсид :

Чи чиз одамро зебо мекунад?

Ҳар яке ҷавобе доданд: Яке гуфт: Чашмони зебо, дуввумӣ гуфт қади баланд. Дигаре гуфт: пӯсти шаффофу сафед. Дар ин ҳангом, устод ду коса канори шогирдон гузошту гуфт: Ба ин косаҳо нигоҳ кунед. Аввали аз тилло сохта шудааст ва дар дарунаш симоб аст. Косаи дигар, аз гил сохта шудаасту дар дарунаш оби зулол аст. Шумо аз кадомаш менӯшед? Шогирдон ҳамагӣ ҷавоб доданд, аз косаи гилӣ.

Устод гуфт: замоне, ки ҳақиқати даруни косаҳоро ба назар гирифтед, зоҳири онҳо бароятон беаҳмият шуд. Одамӣ ҳам ба мисли коса аст, он чӣ, ки одамро зебо мекунад, дарунаш ва қалби покаш аст. Бояд сиратамонро зебо кунем, на ин ки суратамонро.

* * * * * * * * * * *

Подшоҳе ҳангоми пӯст кандани себ бо як корди тез, ангушти худро бурид. Вақте нолону гирён табибонро металабид, вазираш гуфт: " Ҳеҷ кори Худованд бе ҳикмат нест."

Подшоҳ аз шунидани ин ҳарф нороҳат шуду фарёд кард: " Дар бурида шудани ангушти ман чи ҳикмате аст?"

Дастур дод вазирро зиндонӣ кунанд.

Рӯзҳо гузаштанду подшоҳ барои шикор ба ҷангал рафт, дар он ҷо он қадар аз сарбозонаш дур шуд, ки ногаҳон худро миёни қабилаи ваҳшиён танҳо ёфт.

Онҳо подшоҳро дастгир карда, ба қасди куштан ба дарахте бастанд.

Аммо ваҳшиён расми аҷибе ҳам доштаанд, ки бадани қурбониёнашон бояд комилан солим бошад. Чун подшоҳ як ангушт надошт ӯро раҳо карданд ва ӯ ба қасри худ баргашт. Дар ҳоле, ки ба сухани вазир меандешид, фармони озодии вазирро дод.

Вақте вазир ба хидмати шоҳ расид, шоҳ гуфт: "Дуруст гуфтӣ, бурида шудани ангуштам барои ман ҳикмате доштааст, вале ин зиндон рафтан барои ту ҷуз ранҷ кашидан чӣ фоидае доштааст?

Вазир дар посух ба подшоҳ лабханде заду гуфт:

"Барои ман ҳам пурфоида ва ҳикмате буд чаро, ки ман ҳамеша дар ҳама ҳолат бо шумо будам. Агар он рӯз дар зиндон намебудам ва ҳамроҳи шумо ба ҷангал мерафтам, ҳоло ҳатман бо дасти он ваҳшиҳо кушта шуда будам."

* * * * * * * * * * *

Писаре падарашро барои шом ба тарабхонае бурд.

Падар, ки хеле пиру заъиф шуда буд, ғизояшро дуруст наметавонист бихӯрад ва бар рӯи либосҳояш мерехт.

Тамоми афроди мавҷуд дар тарабхона бо ҳақорат ба сӯи марди пир менигаристанд ва писар ҳам хомӯш буду дар иваз ғизоро ба даҳони падар мегузошт.

Пас аз ин ки ғизояшон тамом шуд, писар ба оромӣ падарро ба дастшӯӣ бурд, либосашро тамиз кард, мӯйҳояшро шона кард ва айнакҳояшро танзим карду берун оварад. Тамоми афроди мавҷуд дар тарабхона мутаваҷҷеҳи ҳардуи инҳо буданд ва бо ҳақорат ба сӯи ҳарду менигаристанд.

Писар пули ғизоро пардохт ва бо падар аз онҷо рафт.

Дар ин ҳангом пирамарди дигаре аз ҷамъи ҳозирин баланд шуду садо кард

Писар.... Оё фикр намекунӣ чизеро фаромӯш кардай?

Писар посух дод:

Чизе боқӣ нагузоштаам.

Он марди пир гуфт:

Бале писарам боқӣ гузоштай...

Дарсе барои тамоми писарон...

Ва умеде ҳам барои ҳамаи падарон...!!!

Хомӯшии мутлақ бар тамоми тарабхона ҳоким шуд!

Аз саҳифаи фейсбукии “Дӯстон”

БИЁ БИХАНДЕМ!



Як кампираки ҳамсояи Афандӣ мемурад. Рӯзи ҷаноза ҳама гиряву нола доранд. Бачаи Афандӣ аз Афандӣ мепурсад, ки чаро ҳама барои ин кампирак гиря доранд. Афандӣ мегӯяд, ки охир ин кампирак дигар намеояд барои ҳамон. Писари Афандӣ боз мепурсад ота баъд ин кампирака куҷо мебаранд. Афандӣ мегӯяд писарам ин кампирро ба як ҷое мебаранд, ки дар онҷо на светаю на нонаю на авқот ягон чиз нест бачам. Бад бачаи Афандӣ мега ота бугу агане хонаи худмон меоранд.

*****

Афандира меган дар дунё об набошад чӣ менӯшӣ? Ҷавоб додай, ки об набоша чой менӯшм.

*****

Афандӣ якумбор дар спортзал медроя инструментой варзишира мебина мега ака шумо оҳанхаракен?

— Дӯстам, агар ба ҷои ман ба истгоҳ рафта хушдоманамро пешвоз гирӣ, ба ту 100 ҳазор сӯм медиҳам.

— Агар хушдоманат наояд-чӣ?

— Наояд? 300 ҳазор сӯм медиҳам!

Аз саҳифаи фейсбукии "Дӯстон"

ТАВАҶҶУҲ!

Сканворди рӯзномаи «Ҳамрози халқ» №44 (24.11.2022)-ро Хайрулло Давлатов, роҳбари театри вилоятии лухтаки "Афсона" - и шаҳри Бохтар дуруст пур карда, ғолиб дониста шуд.

Ҷавоби сканворди ҳафтаномаи №44

		С	А	Д	Б	А	Р	Г			А	Н	А	Н	А	С
	С		Д					ӯ					Л		Д	
Б	А	Б	Р					Р					Л	О	Л	А
	Д		А					ӯ					О		И	
Т	А	Ф	С					ғ					М	А	Я	К
А		Р		С	А	Б	И	Л		А	ғ	Б	А			У
П	Р	И	Т	И		Е		й		Д		ӯ		Т	О	К
П				Н	О	Н			К	Л	А	Р	А		Х	
О	Л	У	Ч	А		А	М	Р	И			Д		С	У	Р
Н		Г		С	А	М	О		Т	И	К	О		О	Р	О
Ч	О	Р	С	ӯ		А	Д	О		С	А	қ	И	Ч		М
А		О		З	И	К	А		Д	А	Р	ӣ		И	М	А

СКАНВОРД

ТАВАҶҶУҲ! ҒОЛИБРО ТУҲФА ИНТИЗОР АСТ!

Ҳар нафаре, ки аввалин шуда сканвордро дуруст пур карда, ба суроғаи дар поён дарҷшуда ё тариқи почтаи электронии info@hkhdtkhatlon.tj расонад, соҳиби туҳфа мешавад. Шахси ғолиб дар саҳифаи фейсбукии ҳафтаномаи "ҲАМРОЗИ ХАЛҚ" низ муаррифӣ мегардад.

Аммо ба ҳар нафар имконияти дар як моҳ як маротиба иштирок дар озмун дода мешавад.



Ҳамрози халқ

Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

Аз соли 2003 нашр мешавад. Таҳти рақами 627 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Маҳмадалӣ Акрамов**

Ҳайати мушовара: **Қурбон Ҳакимзода,** раиси вилояти Хатлон, **Фирӯза Шарифӣ**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Миралиён Қиёмиддин,** раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Зебо Бозорова, Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Аҳлиддини Муборакшоҳ** рӯзноманигор**, Меҳроб Салимбеков,** саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-02-11**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **www.hkhdtkhatlon.tj**

E-mail: **info@hkhdtkhatlon.tj**

Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Шарқи озод» бо теъдоди **19700** нусха нашр шуд.